**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 5 сентябри соли 2025, № 93**

Барои сазовор донистани Буриев Бахтиёр Болтаевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ»

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 29 майи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №62 КЭ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Буриев Бахтиёр Болтаевич 28.10.1956 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 1978 Институти педагогии давлатии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (айни замон Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ)-ро бо ихтисоси муаллими математика ва физикаи мактаби миёна (**дипломи ЕВ №231542)**, хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Буриев Бахтиёр Болтаевич аз 1 августи соли 1978 ба ҳайси омӯзгори фанни математика дар мактаби миёнаи № 203 ба номи Муқим Султонов ноҳияи Ленин (айни замон литсейи давлатӣ аз рӯйи омӯзиши фаннҳои табиатшиносию дақиқ ва риёзии ноҳияи Рӯдакӣ) оғоз ёфтааст. Солҳои 1978-1983 ба ҳайси омӯзгори фанни математика ва физикаи ҳамин муассиса, солҳои 1983-1985 дар вазифаи мудири интернати наздимактабӣ, солҳои 1985-1988 ба ҳайси муовини директори ҳамин муассиса оид ба корҳои тарбиявӣ кору фаъолият кардааст. Моҳи ноябри соли 1988 ба вазифаи директори мактаби номбурда интихоб шуда, то соли 1999 дар вазифаи директори ҳамин мактаб фаъолият намудааст. Номбурда солҳои 1999 - 2008 ба ҳайси омӯзгори фанни математика ва физикаи гимназия барои бачагони лаёқатманди ноҳияи Рӯдакӣ (айни замон литсейи давлатӣ аз рӯйи омӯзиши фаннҳои табиатшиносию дақиқ ва риёзии ноҳияи Рӯдакӣ) фаъолият кардааст. Аз 1 декабри соли 2008 дар Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (айни замон Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон) ба сифати ходими калони илмии шуъбаи арзёбии фаннҳои табиӣ-риёзӣ қабул шудааст.

Айни ҳол дар раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба ҳайси ходими пешбари илм фаъолият намуда истодааст.

Буриев Бахтиёр Болтаевич солҳои 2014-2024 ҳамчун унвонҷӯйи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 05.11.2014, № 254) ба сифати унвонҷӯ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «**Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ**», дар ҷаласаи шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 28.11.с.2019, №10 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи фанҳои табиӣ- риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Қодиров Бахтиёр Розиқович –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи физикаи биологӣ ва технологияи информатсионии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино».

Муқарризони расмӣ:

**Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Ҷонмирзоев Эраҷ Ҷонфидоевич -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими фаннҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар:**

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Дар хулосаи мусбати додашуда (протоколи №1 (ғайринавбатӣ) аз 15.08.2025), ки онро раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ Ахмедова М.Ф. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров”, эксперти

таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумӣ Кучибоев Ш.И. ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумӣ Қодирова П. имзо карда, ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров"- номзади илмҳои таърих, дотсент Набизода М.С. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки "...диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич ба мавзуи хеле муҳим ва замонавӣ бахшида шуда, равишҳои таҳлили педагогӣ ва муҳитҳои муосири таълимиро дар маркази таваҷҷуҳ, қарор медиҳад." Ин мавзуъ барои беҳтар намудани таваҷуҳи хонандагон ба донишомӯзӣ ва тавассути осори математикии олимони асримиёнагии Шарқ ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон аҳамияти калон дорад. Довталаб дар кори худ ба таҳқиқи шароитҳои педагогӣ машғул шуда, аз ҳамгироии илмию амалӣ истифода бурдааст.

Довталаб дар кори таҳқиқотӣ тавсияҳои мушаххас дар бораи он ки, чӣ гуна омӯзгорон метавонанд дар шароити муассисаи таълимӣ ташаккул ва рушди қобилияти эҷодии хонандагонро тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ба роҳ монанд, ки онҳо самаранокии таълим вобастагӣ дошта бошанд, пешниҳодҳо мекунад.

Буриев Бахтиёр Болтаевич дар таҳқиқоти худ масъалаи муҳимми соҳаи педагогика - ташаккули қобилияти хонандагонро дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода, тавонистааст ба натиҷаҳои мушаххаси илмиро ба даст орад.

Дар маҷмуъ, навгонии илмии таҳқиқот ба ҳалли масъалаи муҳимми педагогӣ равона шуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар тайёр кардани омӯзгорон, такмили ихтисоси онҳо ва дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

Дар фарҷом, бояд қайд кунем, ки диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич як кори илмии мукаммал буда, ба ҳалли масъалаи мубрами педагогӣ - ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар шароити муосир равона гардидааст. Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти илмӣ ва амалии назаррас буда, барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи педагогика мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири

мавзуи диссертатсия мебошад».

Инчунин, қайд гардидааст, ки Буриев Бахтиёр Болтаевич довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 34 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 7 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Буриев Б. Б. Нақши назми риёзӣ дар беҳдошти қобилияти муоширатии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши фанни математика / Б.Б. Буриев // -Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2013. № 3/5 (118). - С. 236-239

[2-М] Буриев Б.Б. Истифодаи баъзе хосиятҳои функсияҳо ҳангоми ҳалли муодилаҳои ғайристандартӣ. /Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2019. № 1 (25). - С. 131-135.

[3-М] Буриев Б.Б.Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълими математика. / Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2019, № 2 (26). - С. 32-37.

[4-М] Буриев Б. Б. Технологияи истифодаи маводи айёнӣ ва тақсимотӣ дар раванди таълим. / Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2020, № 3 (31). - С. 28-36.

[5-М] Буриев Б.Б. Ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон зимни омӯзиши таърихи математика / Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2021. №3 (35). - С.174-180.

[6-М] Буриев Б. Б. Об неъмати бебаҳо (меҳвари дарси математика)(дар ҳаммуаллифӣ) / Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2021. № 4 (36).- С.188-194.

[7-М] Буриев Б.Б., Қодиров Б.Р. Использование математического наследия таджикско-персидских ученых при изучении естественно - математических дисциплин в условиях инклюзивного образования (дар ҳаммуалифӣ) / Б.Б. Буриев // - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2024. № 4 (48). - С.24-27.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Мафҳуми "қобилияти эҷодӣ" ва тарзи муайянкунии он дар кори тадқиқотӣ шарҳу эзоҳи бештар меҳоҳад. Дар қисмати назариявӣ зарур буд, ки ба ин мафҳум тавассути таҳлили амиқи адабиёти илмии муосир равшанӣ андохта мешуд ва нишондиҳандаҳои ченшавандаи он дақиқ муайян мегардиданд.

2. Саҳми осори олимони асримиёнагии Шарқ дар рушди қобилияти эҷодии хонандагон бештар ба таври тавсифӣ оварда шудааст, ва агар паҳлуҳои амалии онҳо таҳлил мешуданд, қимати кор меафзуд.

3. Дар қисмати методологӣ баъзе мушкилоти усулӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

– фаъолияти гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар давраи озмоиши ташаккулдиҳанда боз каме тавсиф металабад;

– асосноккунии методҳо ва воситаҳои ченкунии қобилияти эҷодӣ бо такя ба манбаъҳои илмии муосир ба таври лозима асоснок нашудаанд;

– натиҷаҳои таҷрибавӣ ба таври ҷудогона таҳлил шудаанд, вале хулосабарорӣ то андозае умумӣ шудааст.

4. Дар рисола баъзе истилоҳот ва ибораҳо тавзеҳталабанд.

Камбудиҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ ва баъзеи онҳо хусусияти техникиву орфографӣ доранд вале ҳеч гоҳ қимати кори илмии иҷрошударо коҳиш дода наметавонанд.

Бояд таъкид кард, ки ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба арзишу сатҳи илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавуи « «**Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Буриев Бахтиёр Болтаевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" номзади илмҳои педагогӣ Кучибоев Ш.И. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Буриев Бахтиёр Болтаевич бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Муқарриз таъкид мекунад, ки дар таҳқиқот шарҳи баъзе мафҳумҳо ниёз ба дақиқсозии истилоҳӣ доранд (ба мисли “эҷодкорӣ” ва “қобилияти эҷодӣ” дар контексти математика); муққарриз пешниҳод кардааст, ки хуб мебуд, агар маълумот дар бораи натиҷаҳои озмоишӣ бо ҷадвал ва диаграммаҳои иловагӣ мукаммал гардад.

Бо вуҷуди ин, қайд мекунад муқарриз, эродҳо ба аҳамият ва муҳтавои умумии таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонад.

Бо назардошти натиҷаҳои пешниҳодшуда, бо боварии комил гуфта метавонем, ки диссертатсияи мазкур дар рушди илми педагогика ва методикаи таълими математика саҳми назаррас хоҳад гузошт.

2. Булбулов Ҷумъа - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини директори Маркази таълимии ҷумҳуриявии “ЛОГОС”.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

3. Муҳиддинзода Қутбиддин - номзади илмҳои педагогӣ, муовини сардори раёсати томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

4. Маҳкамов Муҳаммадҷон - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Муқарриз таъкид мекунад, ки дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо ба назар мерасад, аз ҷумла: дар баъзе қисматҳои автореферат ғалатҳои ҷумлабандӣ ва имлоӣ дида мешавад (саҳ. 26, 27).

Камбудиҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ мебошанд ва баъзеи онҳо хусусияти техникиву орфографӣ доранд, вале ҳеҷ гоҳ қимати кори илмии иҷрошударо коҳиш дода наметавонанд, баръакс барои такмили мазмуну мундариҷаи он муфид хоҳанд буд ва бо ҳеҷ ваҷҳ арзиши таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

5. Наврузова Гулшан Турсуновна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

6. Умаров Умар Сулаймонович - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими физикаи “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ”.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Буриев Бахтиёр Болтаевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 19 июни соли 2025, №70-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- маҷмуи муқаррароти заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ **муайян ва асоснок карда шудааст;**

- моҳият, мазмуну муҳтаво ва роҳи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ **ошкор карда шудааст;**

- равиш ва усулҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

-усулҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ муайян карда шудааст.

- модели дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия гардида, ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст;**

- барои омӯзгорони математикаи муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ тавсияҳои методӣ роҷеъ ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ тавсияҳои методӣ **таҳия карда шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- асосноккунии маҳсулнокии ҳаллу фасли масъала доир ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ аз мавқеи муносибатҳои низомию фаъолиятӣ **қарор гирифта метавонад;**

- ташаккули минбаъдаи назария доир ба қобилияти эҷодӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **фароҳам оварда мешавад;**

- дараҷаи рушдёбандагии таҷрибаи корбуди самараноки маҳорату малакаҳои умумитаълимиро дар раванди фаъолияти таълими мустақилона гузоштану ҳалли масъалаҳо мавриди таҳлил **қарор дода мешаванд;**

- сарчашмаи маълумот, таҳлили адабиёти психологию педагогӣ, фалсафӣ-методологӣ оид ба масъалаи ташаккул ва рушди қобилияти эҷодии хонандагон тавассути осори математикии олимони асримиёнагии Шарқ, фаъолияти маърифатии хонандагон, омӯзиши коргузории мактабӣ, мушоҳида, пур кардани пурсишнома, пурсиши омӯзгорон ва хонандагон **фароҳам оварда мешавад;**

- масоили ташаккул ва рушди қобилияти эҷодии хонандагон тавассути осори математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар низоми тахсилоти миёнаи умумӣ ва инъикоси он дар адабиёти педагогӣ омӯхта, таҳлилу **баррасӣ карда мешаванд;**

- моҳият ва вижагиҳои рушди қобилияти эҷодии хонандагон тавассути осори математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар низоми тахсилоти миёнаи умумӣ ва дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **ошкор ва аниқ карда мешаванд;**

- усулҳои самаранок ва инноватсионии фаъолияти эҷодии хонандагон **мушаххас карда шуданд**, ки ба ташаккул ва рушди қобилияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ **мусоидат карда метавонад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- натиҷаҳои дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқоти бадастомада **метавонад** барои истифода дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбии омӯзгорӣ **кӯмак расонанд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи модели дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ барои омӯзгорон ҷиҳати баланд бардоштани

самарабахшии кор ва сифати таълим дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо хонандагону омӯзгорон дар зинаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, китоби дарсӣ, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- тавассути услуби муносибати системавӣ ва дигар услубҳои барои давраҳои таҳқиқотӣ мувофиқ **таъмин карда шудаанд;**

- ташхиси педагогии илмӣ бо такя ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ **асоснок карда шудаанд;**

- маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳҳои озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии дар раванди ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар низоми муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

**- дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

**- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

**- дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани рушд ва инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони муассисаҳои тахсилоти умумӣ;

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъмбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 5 сентябри соли 2025, №93 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Буриев Бахтиёр Болтаевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор 10 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса:

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.

5.09.2025